Конституtсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 96 (4679) | ҶУМЪА, 28 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Дар шароити давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки кишвари мо низ роҳи бунёди онро пеш гирифтааст, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро бидуни ба вуҷуд овардани заминаи мукаммали қонунгузорӣ тасаввур кардан номумкин аст. Ин нукта ҳанӯз дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми апрели соли 2008 чунин баён ёфта буд: «Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст».

Дар ҳақиқат, рушду инкишофи устувори ҳар як соҳаи ҳаёти ҷомеаро, маҳз аз рушду инкишофи устувори қонунгузории он муайян намудан мумкин аст. Бо ин мақсад дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2016 таҳти №636 тасдиқ гардидааст, яке аз омилҳои бодорандаи пешравии соҳаи маориф барои ташкили муҳити рақобатнок дар соҳаи маориф маҳз такмил наёфтани заминаи меъёрӣ, ҳуқуқӣ унвон гардидааст. Аз ин нигоҳ, барои рушду инкишофи устувори ҳар як соҳа, хусусан соҳаи маориф, ки соҳаи ниҳоят муҳим ва сарнавиштсози ҳаёти ҷомеа, омили муайянкунандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ мебошад, нахуст бояд, номгӯи мушкилоти қонунгузории соҳаи маориф ва сабабу омилҳои ба пайдоиши мушкилоти он мусоидаткунанда, ҳамзамон ҷустуҷӯи роҳҳои ислоҳи онҳо муайян ва пешниҳод карда шавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳарчанд ҳоло дар соҳаи маориф даҳ қонуни мукаммал ва як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул ва мавриди амал қарор дода шуда бошад ҳам, вале ҳанӯз ҳам муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи маориф ба мушкилоти гуногуни танзими ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ аст. Зимнан, бояд дар назар дошт, ки зиёд гардидани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар соҳаи маориф айни ҳол яке аз мушкилоти баҳснок ва ҳалталаби қонунгузории соҳа мебошад, ки он дар навбати хеш ба пайдоиши як зумра мушкилоти дигар, хусусан яке аз мушкилоти намоён ва бунёдӣ, мухолифат, номутобиқатӣ ва холигӣ, инчунин такрорёбӣ дар матни қонунгузорӣ, сабаб гардидааст. Аҳамияти мушкилоти мазкурро дар назар дошта, он ба сифати яке аз омилҳои зарурати қабули «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ шудааст, таҳти унвони «пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкардаю камсамар» мустаҳкам карда шудааст.

«Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба соҳаи маориф - сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад».

(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21-уми декабри соли 2021)

МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МАОРИФ

Дар таҳқиқоти илмӣ ва оммавӣ дар баробари дигар мушкилоти қонунгузории маориф, инчунин оид ба такрорёбии мафҳумҳо, коста будани мазмуни онҳо ва мухолифати байни онҳо, инчунин номукаммал будани мафҳумҳои расмӣ дар қонун дар бораи маориф низ ишора шудааст. Мушкилоти дигари қонунгузории соҳаи маориф, ки нисбат ба он дар таҳқиқоти илмӣ низ ишора рафтааст, ба услуби расмии забони давлатӣ ҷавобгӯ набудани калимаю ибора ва истилоҳоти дар матни онҳо истифодагардида мебошад. Дар баробари номгӯи мушкилоти зикршуда, ба назари мо, маҳз падидаи зиёд будани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳаи маориф ба пайдоиши мушкилоти дигар, мамониат намудан барои сари вақт ба талаботи замони муосир мутобиқ сохтани муқаррароти қонунгузорӣ, ки тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ имконпазир аст, низ сабаб гардидааст. Ба андешаи мо, сарчашмаи асосии пайдоиши мушкилоти зикршудаи қонунгузории соҳаи маориф маҳз зиёд гардидани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мебошад, ки он як зумра мушкилоти дигарро ба бор оварда, дар навбати худ ба ҳоло ҳам камсамар гардидани ҷараёни татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва стратегии мамлакат боис шудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои аз байн бардоштани номгӯи мушкилоти зикршудаи қонунгузории соҳаи маориф, пеш аз ҳама, роҳи ҳалли мушкилоти зиёд будани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа муайян ва пешниҳод карда шавад.

Дар моддаи 85 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» роҳҳои гуногуни бартараф намудани ихтилофоти байни қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, ки ба онҳо дар баробари дигар роҳҳо, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дохил мешавад. Дар адабиёти ватанӣ низ рушди муносибатҳои минбаъдаи соҳаи маориф бидуни гузаронидани ислоҳоти қонунгузории соҳа, ки чунин ислоҳот аз қабули қонуни нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда иборат аст, мушкил ва ғайриимкон дониста шудааст. Дар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ба мушкилоти зиёд гардидани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар ин замина пайдоиши мушкилоти мухолифат, номутобиқатӣ ва холигӣ, инчунин такрорёбӣ дар қонунгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, таъкид шудааст, ки самтҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятии моҳиятан ҳаммонанд, ки бо қонунҳо танзим меёбанд, бояд дар оянда тадриҷан кодификатсия карда шаванд, зеро дар шароити аз ҳад зиёд шудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар баъзе соҳаҳо кодификатсия хеле муҳим мебошад. Ба чунин кодификатсия ва васеъкунӣ аз ҳоло бояд шурӯъ кард ва онро тавассути такмили қонунгузории амалкунанда анҷом додан лозим аст. Мақсади кодификатсия кардани онҳо бартараф намудани номутобиқатӣ ва кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаммонанд мебошад.

Дар адабиёти илмӣ, таълимӣ ва оммавӣ, инчунин қонунгузории дохилӣ ва хориҷии кишварамон низ фикру ақидаҳо оид ба зарурат ва аҳамияти қабули санади кодификатсионии қонунгузорӣ дар соҳаи маориф, бахусус дар намуди кодекс, баён гардидааст. Ба андешаи мо, маҳз бо назардошти афзалияти кодекс назар ба дигар намудҳои кодификатсияи қонунгузорӣ ҳанӯз дар Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми феврали соли 2011 таҳти №1021 тасдиқ шудааст, қайд гардида буд, ки барои кодификатсияи қонунгузории соҳаи маориф таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии ягонаи маҷмӯӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар банди 26 барномаи давлатии татбиқи консепсияи мазкур дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф барои солҳои 2012 - 2015, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2012 таҳти №144 тасдиқ шудааст, оид ба таҷдиди назар намудани қонунгузории соҳаи маориф низ таъкид гардида буд. Дар бандҳои 22, 23 ва 24-уми «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми сентябри соли 2020 таҳти №526 тасдиқ шудааст, дар заминаи муттаҳид кардани даҳ қонуни мукаммали амалкунандаи соҳаи маориф таҳияи лоиҳаи Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст.

Ба андешаи мо, ҳоло дар кишварамон барои таҳия ва қабули Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла таҷрибаи қонунгузорӣ, мавҷудияти мутахассисон, таҳқиқоти илмӣ, заминаи зарурии ҳуқуқӣ, алоқаҳои гуногуни ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ барои истифодаи натиҷаҳои мусбати қонунгузории онҳо мавҷуданд. Таҷрибаи муҳимтарин барои таҳия ва қабули Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи қонунгузорӣ мебошад, ки он дар мамлакат таҷрибаи зиёда аз сисоларо ташкил дода, дар ин муддат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳамчун қонуни асосии соҳа бо назардошти дастовардҳои ҳосилшудаи соҳаи маорифи дохил ва хориҷи кишварамон се маротиба (солҳои 1993, 2004 ва 2013) дар таҳрири нав қабул карда шуданд. Аз ин рӯ, марҳилаи заминавии ташаккули қонунгузории соҳаи маориф дар маҷмӯъ ба охир расида, вобаста ба ин, бояд марҳилаи сифатан нав дар бахши қонунгузории соҳаи маориф, хусусан қабули Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар асоси он қабул карда мешаванд, фаро расидааст.

Бинобар тараққиёти илму техника, пешрафти ҳаёти ҷомеа, дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ташаккулу муносибатҳои нави ҳаёти ҷамъиятӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф дар доираи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии амалкунанда мушкил гардида, онҳо ба танзими ҳуқуқии боз ҳам хубтар дар шакли кодификатсия дар намуди қабули Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз пайдо кардаанд. Танзими ҳуқуқии саривақтии кодификатсионии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, хусусан дар намуди Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми ниҳоят муҳим ва зарурӣ буда, барои ба талаботи замони муосир мутобиқ гардидани қонунгузории соҳаи маориф ва ҳифзи боз ҳам муносибтари манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ дар шароити пурпечутоби ҷаҳони муосир ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҷомеа, инчунин барои боз ҳам хубтар ва ба марҳилаи ҳамчун соҳаи ҳуқуқи комплексӣ ташаккул ёфтани ҳуқуқи таҳсилот дар низоми ҳуқуқи кишварамон мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, таҳия ва қабули санади кодификатсионӣ дар намуди кодекси маориф ба назари мо амри ниҳоят муҳим ва зарурист. Он барои пурра ва ҳаматарафа танзим намудани муносибатҳои муҳими соҳаи маориф ва қоидаҳои рафтори иштирокчиёни муносибатҳои мазкур мусоидат намуда, қабули шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифро ҳамчун мушкилоти асосии ҳалталаби қонунгузории соҳа ва дигар мушкилоти дар ҳамин замина бавуҷудомадаро аз байн бардошта, боиси хубтар гардидани сифати мазмун ва моҳияти санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии соҳаи маориф мегардад. Барои сари вақт ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи маориф ҳамчун санади маҷмӯӣ имкони ворид намудани тағйиру иловаҳоро фароҳам оварда, барои ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи таҳсилот ҳамчун соҳаи ҳуқуқи комплексӣ дар низоми ҳуқуқи кишварамон заминаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад. Дарвоқеъ, он барои ба як низоми мантиқан мураттабгашта ва боз ҳам самараноку пешқадам ворид гардидани низоми қонунгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит муҳайё менамояд.

Сиёвуш АБДУРАҲИМОВ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

28 - уми июли соли 2023 таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори он лоиҳаҳои якчанд қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуданд.

Ҳамчунин пешниҳоди хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» баъди муҳокима барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Инчунин масъалаҳо «Дар хусуси лоиҳаи ёддоштҳои табодулӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷопон оид ба «Лоиҳаи пешниҳоди бурсияҳои таҳсилӣ барои рушди захираҳои инсонӣ», «Дар хусуси лоиҳаи Протоколи музокирот байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ барои марҳилаи 2-юми лоиҳаи сохтмони шабакаҳои барқӣ дар Ромити Тоҷикистон» ва «Дар бораи номивазкунии баъзе объектҳои ҷуғрофии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ шуданд.

Дар анҷоми кори маҷлис барои иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,нишониҳандаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи саривақтӣ ва босифати нақша - чорабиниҳои омодагӣ ба таҷлили Ҷашни 35- солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор шуданд.

Дастуру супоришҳо, ҳамчунин барои дар сатҳи баланди омодагӣ ва ташкилӣ гузаронидани чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ ва минтақавии ба нақшагирифташуда, таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, захираи кофии маҳсулоти озуқаворӣ ва сӯзишворӣ, тайёрии муассисаҳои таълимӣ ба соли нави хониш ва вусъати корҳои кишоварзию ободонӣ дода шуд.

АМИТ «Ховар»

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ: САБАБҲОИ ПАЙДОИШ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО

Масъалаи асосие, ки 25 - уми июли соли 2023 дар Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд (даъвати 6-ум) вакилон мавриди баррасӣ қарор доданд, рафти татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1- уми июни соли 2021 таҳти №187 «Дар бораи «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» буд.

- Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян, вазифаҳои мақомоти давлатиро барои аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас намуда, яке аз қадамҳои устувори мамлакат дар самти пешгирии ин зуҳурот мебошад, - гуфт муовини раиси вилояти Суғд Даврон Зоҳидзода.

Бино ба гуфти ӯ, бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1- уми июни соли 2021 таҳти №187 «Дар бораи «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025», қарори раиси вилоят аз 17- уми октябри соли 2021 таҳти №485 «Дар бораи «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025» дар вилояти Суғд» қабул гардида, дар ин самт корҳои муайян ба сомон расонида шуданд.

Сабаби асосии зуҳури терроризму экстремизмро раиси Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода тадриси ғайриқонунии сокинон, аз ҷумла ноболиғон, донист:

-Дар 7 моҳи сипаришуда 110 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор шуд, ки дар он 512 нафар ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифта шуда буданд. Бештари ин амали носавоб дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, Исфараю Бӯстон ва Панҷакент ошкор шудаанд,- изҳори нигаронӣ кард Раҷаббой Аҳмадзода.

Раиси вилоят, инчунин аз он изҳори нигаронӣ намуд, ки то 1-уми июни соли ҷорӣ зиёда аз 1000 нафар сокини вилоят дар мамлакатҳои даргири Шарқи Наздик қарор доранд.

Сабаби хурӯҷи терроризму экстремизмро Раҷаббой Аҳмадзода дар нокифоя будани пешбурди корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ байни аҳолӣ ва норасоии кадрҳои самти идеология арзёбӣ кард: «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли гузашта ва нимсолаи аввали соли равон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят 35 вазифаи масъулони идеология ва 19 ҷои кори кормандони бахши дин холист. Табиист, ки ин норасоӣ дар пешбурди мукаммали корҳои идеологӣ мушкилот эҷод мекунад».

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд якҷо бо мақомоти қудратӣ бобати пешгирии ин ҳодисаи номатлуб корбариро ба таври васеъ ба роҳ мондааст. Ин аст, ки дар баробари ошкор намудани ҳодисаҳои таълими ғайриқонунии динӣ айни ҳол зиёда аз 250 нафар дар ҷустуҷӯ бо ҷурми иштирок дар амалиёти ҷангии давлатҳои Шарқи Наздик қарор доранд. Аз ин ҳисоб 7 нафар зан бо 17 фарзанди ноболиғашон ба Ватан баргардонида шуданд.

- Муборизаи бар зидди терроризм вазифаи танҳо кормандони мақомоти дахлдор нест, балки амали дастаҷамъист. Биноан, мо ҳама вазифадорем нисбат ба ин масъала корбарӣ кунем, нагузорем, ки душманони миллат кишварро аз нав ба рӯзҳои сахту сангин дучор оваранд, - хулоса кард Раҷаббой Аҳмадзода.

Дар Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд (даъвати 6-ум) вакилон, ҳамчунин ҳисоботи Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сиҳатии омма, ҳифзи табиат, масъалаҳои оила ва занон, ҳисоботи вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз ҳавзаи интихоботии «Пӯлотон», №18 шаҳри Конибодом Абдураҳим Шокировро оид ба иҷрои ваколати вакилиаш шуниданд.

Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,
«Садои мардум»

ЗУЛФИЯ ДАВЛАТЗОДА: «ФУРӮШИ КЛУБҲОИ ДЕҲОТ МАНЪ АСТ»

Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода дар нишасти матбуотӣ, ки 26-уми июли соли 2023 доир гардид, ба саволи хабарнигори «Садои мардум»: «Оё дуруст аст қисме аз клубҳои деҳот, ки муассисаҳои соҳаи фарҳанг ба ҳисоб мераванд, фурӯхта шудаанд?», посухи инкор дод. Зулфия Давлатзода, аз ҷумла, гуфт: «Тамоми муассисаҳои фарҳангии ноҳияҳо ба ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудаанд ва тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» фурӯхтани муассисаҳои характери иҷтимоидошта, аз ҷумла клубҳои деҳот, манъ аст».

- Дар сурати зарурат, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ масъаларо бояд бо Вазорати фарҳанг, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа намоянд. Вазорат танҳо дар ҳолате ба фурӯши муассисаҳо иҷозат медиҳад, ки ҷои он муассисаи нави фарҳангӣ бунёд шавад, - афзуд вазири фарҳанг.

Дар идомаи суҳбат сардори Раёсати муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатии вазорат Озар Орифӣ, бо зикри он ки бештари клубҳо дар деҳот таъмирталабанд дар ҳолати садамавӣ қарор доранд, вазъи онҳоро ташвишовар арзёбӣ кард.

Ҳамчунин, зикр шуд, ки дар давраи мавриди назар театрҳои пойтахт 8 ва театрҳои музофотӣ 16 намоишро саҳнавӣ намуданд. Муассисаҳои нашриявии вазорат 35 номгӯй адабиёти бадеӣ ва илмӣ-оммавиро бо теъдоди 21 ҳазору 360 нусха аз чоп баровардаанд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Балҷувон» дар ноҳияи Балҷувон ва Муассисаи давлатии «Қасри ҷумҳуриявии фарҳанги Кангурт» дар ноҳияи Темурмалик таъсис ёфтанд.

Зулфия Давлатзода дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид доир гардидани чорабинии махсуси фарҳангӣ «Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар» - ро, ки дар он Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шоҳи Нидерланд, муовини Дабири кулли СММ ва дигар меҳмонони воломақом иштирок намуданд, аз чорабинии муҳими фарҳангии давраи сипаришуда номид.

Фарзона ФАЙЗАЛӢ,
«Садои мардум»

101 ШАБАКАИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСИИ ТЕЛЕВИЗИОНУ РАДИО ФАЪОЛИЯТ ДОРАНД

Зимни нишасти матбуотӣ, ки 26-уми июли соли равон баргузор шуд, раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид изҳор дошт, ки дар нимсолаи аввали соли 2023 кумита корро дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармон ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 ба роҳ монда, нақшаи кори он барои нимсолаи аввали соли 2023 иборат аз 146 банд таҳия ва татбиқ гардиданд.

Аз ҷониби шабакаҳои давлатии телевизион ва радио сафарҳои дохилию хориҷӣ, вохӯрию мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сокинони мамлакат, намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалию минтақавӣ сари вақт инъикос ёфтанд.

Дар ин давра доир ба нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли байналмилалии ҳифзи пирояҳо» эълон шудани соли 2025, «Солҳои рушди саноат», ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷашну рӯзҳои таърихӣ ва дигар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалидошта таваҷҷуҳи барномаҳои иттилоотӣ шарҳу гузоришҳои саривақтӣ таҳия ва пахш карда шуд.

Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, иброз дошт, ки барои ба роҳ мондани ҳамкорихои судманд бо кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи телевизион ва радио бо намояндагони соҳаҳои марбутаи Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Беларус, Ширкати давлатии пахши радиотелевизиони ПРАСАР Бҳарати Ҳиндустон (тариқи маҳозӣ) мулоқот анҷом доданд.

Ҳамчунин, дар давраи мавриди назар 6 нафар корманди кумита ба мақсади иштирок дар машварати омӯзишӣ ба кишварҳои Чин ва Ҳиндустон сафар карданд. Айни замон кумита бо як қатор давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Туркия, Эрон, Италия, Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҳиндустон, Украина, Туркманистон, Покистон, Афғонистон, Беларус, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Давлати Фаластин, Давлати Кувайт дар соҳаи телевизион ва радио санадҳои ҳамкорӣ дошта, бо сохторҳои марбутаи Арабистони Саудӣ, Фаронса ва Малайзия масъалаҳои ҳамкориро дар самти табодули таҷриба, навор, истеҳсоли филмҳо ва дастрасии дастгоҳу таҷҳизоти соҳавӣ баррасӣ менамояд.

- Айни ҳол дар мамлакат 101 шабакаи давлатию хусусии телевизиону радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, аз ҷумла 15 телевизиону 10 радиои давлатӣ, 18 телевизиони хусусӣ, 16 телевизиони ноқилӣ, 4 телевизиони IP ва 24 радиои хусусӣ фаъолият доранд, - зикр кард Нуриддин Саид.

Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА,
«Садои мардум»

ТАЪМИНИ 65,8 ФОИЗИ АҲОЛИИ КИШВАР БО ОБИ НӮШОКИИ МУТАМАРКАЗОНИДАШУДА

26- уми июли соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Раҷабалӣ Расулзода иброз намуд, ки дар ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти нимсолаи якуми соли равон аз тарафи кормандони корхонаҳои тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и воқеъ дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ ба истифодабарандагон ба маблағи 104 миллиону 182 ҳазор сомонӣ хизматҳои гуногуни коммуналӣ расонида шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли сипаришуда 3 миллиону 65 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Мувофиқи маълумоти пешакӣ корхонаҳои тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар нимсолаи якуми соли 2023 ба суратҳисоби мақомоти андозии шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ аз рӯи ҳамаи намуди андозҳо 25 миллиону 224 ҳазор сомонӣ ворид намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 364 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ба истифодабарандагон ба миқдори 30 миллиону 704,5 ҳазор метри мукааб оби нӯшокӣ дастрас гардида, 10 миллиону 797 ҳазор метри мукааб партовобҳо бароварда шуданд.

Номбурда, ҳамчунин иброз намуд, ки дар шаш моҳи аввали соли равон барои таҳдиди барқарорсозии 127 насоси обкаши зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, аз таъмири ҷорӣ баровардани 13 трансформатор, иваз намудани 7762 метр қубурҳои обгузари фарсуда, бартараф намудани 1856 садамаи гуногун корҳои зиёд ба анҷом расонида шуд. Ба ин васила, дар деҳоти ҷумҳурӣ Муассисаи давлатии «Сарраёсати Тоҷикобдеҳот»-и тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти нимсолаи якуми соли 2023 ба истифодабарандагон ба миқдори 4 миллиону 664 ҳазор метри мукааб оби нӯшокӣ таъмин намудаанд, ки 100,6 фоизи нақшаро дар бар мегирад.

Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,
«Садои мардум»

ПАНҶ ЛОИҲАИ НАВИ «САФИНА»

- Дар нимсолаи аввали соли равон теъдоди барномаҳои доимии Телевизиони «Сафина» ба 54 адад расид, ки 5 - тои онҳо лоиҳаҳои нав мебошанд. Дар ин муддат 1332 барнома таҳия ва пахш шуд. Аз 3174 соати эфир 1010 соаташро барномаҳои асл ташкил доданд,- гуфт зимни нишасти матбуотӣ муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони «Сафина» Карим Азизов, 26-уми июли соли 2023.

Мавзӯи дигаре, ки дар давраи ҳисоботӣ мавриди таваҷҷуҳи кормандони телевизион қарор дошт, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» буданд. Вобаста ба он беш аз 50 гузориш аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ омода ва дар барномаҳои иттилоотии шабака пахш карда шудаанд.

Масъулин иттилоъ доданд, ки барои баланд бардоштани малакаи касбии кормандони муассиса аз оғози сол бо ҷалби мутахассисони варзида машғулиятҳои омӯзишӣ ташкил гардида, барои кормандони техникии 8 намояндагии шабака курси кӯтоҳмуддати такмили маҳорат ба роҳ монда шуд.

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки дар ояндаи наздик ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат барои васлгарони барномаҳо ва кормандони техникӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,
«Садои мардум»

ЭҲТИРОМ БА ҚОНУНУ ҲУҚУҚ

26-уми июли соли ҷорӣ нишасти матбуотии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.
- Дар мақомот дар ин давра 871 мурочиати хаттӣ, шифоҳӣ ва электронии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шуд, ки ҳамаи онҳо ҳалли мусбат ёфтанд, - гуфт Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Умед Бобозода.

Дар мақомот ба 20 санади меъёрию ҳуқуқӣ хулоса пешниҳод гардида, кормандони Дастгоҳи марказии он дар кори гурӯҳҳои кории байниидоравӣ ширкат намуда, 26 санҷиш, боздиду мониторинг ва як қатор баромадҳо дар воситаҳои ахбори омма, чорабиниҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» бо мақсади баланд бардоштани касбияти кормандон дар самти қонуни мазкур, 3 тренинги омӯзишӣ ва 6 дарси бозомӯзии дохилиидоравӣ гузаронида, дар 3 мурофиаи судӣ иштирок намуданд.

Фаъолияти се намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 3 вилояти ҷумҳурӣ низ қаноатбахш арзёбӣ гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ вохӯриҳои мутақобилаю судманди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мушовир оид ба ҳуқуқи инсони Дафтари барномаҳои САҲА хонум Эси Томпсон Севилми ва ноиби Президенти Маркази байналмилалии ҳуқуқҳои ғайритичоратӣ (ICNLLLC) хонум Наталия Буржайлӣ ва ҳайати намояндагии он сурат гирифтанд.

Дар ин раванд зимни сафари корӣ ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Бобозода ба Ҷумҳурии Хорватия бо Омбудсмени Ҷумҳурии Хорватия Тена Шеменович, омбудсменҳои Хорватия оид ба ҳуқуқи маъюбон, оид ба баробарии гендерӣ, оид ба ҳуқуқи кӯдак, намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятии Хорватия вохӯриҳои судманд анҷом дода шуданд.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2023 дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2 шуъбаи нав – ҳифзи давлатии ҳуқуқ ва баробарӣ ва озодӣ аз табъиз ва шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон таъсис ва фаъолияти онҳо роҳандозӣ шуд.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ мебошанд ва онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як шахс кафолат медиҳад. Авлавият бахшидан ба омили инсонӣ, арҷгузорию эҳтиром ба қонуну ҳуқуқҳои инсон кафолати рушди давлат, пешрафти ҷомеа ва некӯаҳволии халқ мебошад.

Мирзо РУСТАМЗОДА,
«Садои мардум»

ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ЗАХИРАИ СУРМА ДАР ҶОИ ДУЮМ ҚАРОР ДОРАД

Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 27-уми июли соли ҷорӣ баргузор гардид, роҷеъ ба татбиқи лоиҳаҳои соҳа муфассал иттилоъ дод.

Аз ҷумла қайд гардид, ки дар ин давра дар доираи лоиҳаи «Умури давлатии мушоҳидаи равандҳои экзогенӣ - геологӣ барои солҳои 2020-2025» тибқи дархост ва нақша дар 169 деҳаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тадқиқоти муҳандисӣ - геологӣ гузаронида шуда, ба 100 хоҷагӣ барои аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойи бехавф кӯчидан пешниҳод ирсол гардид.

Тоҷикистон дорои захираҳои калони канданиҳои фоиданок буда, барои иктишоф ва истифодаи онҳо аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёд анҷом дода шуд. Дар ин бобат дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ Саридора омӯзиши геологии қаъри заминро тибқи «Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030» ба роҳ монда, дар ин муддат корҳои шартномавӣ аз рӯи 149 лоиҳа ба маблағи 11 миллиону 136 ҳазору 567,0 сомонӣ ва корҳои пудратӣ ба маблағи 85 ҳазору 323 сомонӣ ба иҷро расид.

Дар давраи мавриди назар ба баррасии Комиссияи давлатӣ оид ба захираҳои канданиҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 мавод, аз ҷумла ҳисоботи геологии конҳои канданиҳои фоиданоки маъмул 18 адад, бозҳисобкунии захираи конҳо - 7, азнавбаҳодиҳии захираҳо 7 адад ворид гардид. Тавре сардори Саридораи геология иттилоъ дод, Тоҷикистон аз рӯи захираи сурма дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол мекунад.

Бурҳониддин КАРИМЗОДА,
«Садои мардум»

ФУРУДГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КӮЛОБ БА БЕШ АЗ 152 ҲАЗОР МУСОФИР ХИЗМАТ РАСОНИД

- Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб дар 6 моҳи аввали соли 2023 ба 152 ҳазору 067 нафар мусофир хизмат расонид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 101,8 фоиз ё 2745 нафар зиёд мебошад, - иброз намуд, муовини директори фурудгоҳ Самандар Қамишов зимни нишасти матбуотие, ки 26-уми июли соли ҷорӣ баргузор гардид.

Дар ин давра ба 64 ҳазору 541 нафар мусофири омада ва 87 ҳазору 526 нафар мусофири рафта хизмат расонида, шумораи рейсҳои хизматрасонидашудаи фурудгоҳ дар нимсолаи аввали соли равон 484 ададро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 103,9 фоиз ё 18 рейс зиёд мебошад.

Ҳамчунин, зикр шуд, ки гурӯҳи муоинаи Хадамоти бехатарии авиатсионӣ ҳангоми гузаронидани муоинаи пеш аз парвози мусофирон ва назорати махсус 116 нафарро ошкор намуд, ки ашё ва моддаҳои барои бо тайёра бурдан мамнӯъро бо худ доштанд.

- Айни замон дар фурудгоҳ корҳои таъмири асосии мошинсарои нақлиёти оташнишонӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор дошта, таъмири ҷории толорҳои қабулу гусели мусофирон оғоз гардидааст, - гуфт Самандар Қамишов.

Зимни нишасти матбуотӣ таъкид шуд, ки сохтмони таваққуфгоҳ барои ҷойгир кардани тайёраҳои калонҳаҷми «АН - 124» оғоз гардида, инчунин, дар фурудгоҳ таҷҳизоти радиотехникии фурудоварии тайёраҳои навъи «НОРМАРК» насб ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»

30 ҲОДИСАИ НОХУШ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД

- Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби 8 нозироти давлатӣ ва 3 нозироти комплексии назорати бехатарии саноатӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар корхона ва иншооти бақайдгирифташуда 117 назорати техникӣ гузаронида шуд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ 27-уми июли соли равон сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Санъат Раҳим.

Номбурда, илова намуд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар корхонаву иншооти мавҷуда 100 назорати нақшавӣ ва 17 назорати ғайринақшавӣ гузаронида шуд, ки ҳангоми гузаронидани назорати техникӣ нозирони хадамот 902 банди вайронкуниҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ошкор карда, барои бартараф кардани камбудиҳо дар корхонаҳои зериназоратӣ 117 санад-нишондод ва 7 нишондод оид ба боздошти кор пешниҳод гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки дар шаш моҳи аввали соли 2023 166 нафар шахси ҳуқуқӣ, мансабдор ва воқеии корхонаҳои бақайдгирифташуда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, 890 ҳазору 204 сомонӣ ҷаримабандӣ шуданд.

Тибқи тартиби муқарраргардида, дар доираи ваколатҳо ба корхонаву ташкилот ва иншооти бақайдгирифташуда 83 иҷозатномаи намудҳои фаъолият, 56 шаҳодатнома барои хариди маводи тарканда, 30 шаҳодатнома барои истифодабарии анборҳои маводи тарканда ва 84 иҷозат барои иҷрои корҳои таркишӣ дода шудааст.

Ҳамчунин, дар корхонаву иншооти зериназоратии хадамот дар давраи ҳисоботӣ 30 ҳодисаи нохуш ба қайд гирифта шуд, дар натиҷа 26 нафар ҳалок ва 21 нафар захмӣ шуданд.

- Сабаби асосии ҳодисаҳои нохуш ин бемасъулиятии муҳандисони техникии корхонаҳо дар ҷойи ҳодиса, беаҳамиятии ҷабрдидагон ҳангоми кор бо иншооти хатарнок, риоя нагардидани қоидаҳои бехатарии саноатӣ дар рафти кор бо иншооти истеҳсолии хатарнок, риоя накардани технологияи коркарди кон, ҳамчунин надоштани мутахассисони соҳавӣ мебошад, - афзуд Санъат Раҳим.

Ҳ. ТОҲИРӢ,
«Садои мардум»

ДМТ: ШАШМОҲАИ СИПАРИШУДА БОБАРОР БУД

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қобилҷон Хушвақтзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 27-уми июли соли равон баргузор шуд, бо зикри чанд дастоварди муҳим, шашмоҳаи сипаригардидаро барои устодону донишҷӯёни донишгоҳ бобарор арзёбӣ намуд. Гуфт, ки ин муддат бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Литсейи равияи табиию риёзии донишгоҳ ба истифода дода шуд. Он аз чор ошёна иборат буда, барои 1280 нафар пешбинӣ гардидааст.

Дар ин хотир, аллакай ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол намудаем. Интизор меравад, ки моҳи сентябр ё октябр аввалин шумораи он зери унвони «Қалам» аз нашр барояд».

Дар ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳушвақтзода ба 39 омӯзгори ҷавон бо хонаҳои истиқоматии хизматӣ таъмин шуданд. Дар пояи факултети журналистика Телевизиони таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, 1700 мақолаи илмии устодони донишгоҳ ба табъ расиданд, ки 70-тои он дар маҷаллаҳои байналмилалӣ нашр гардидааст.

Ҷамъбасти сессияҳои зимистона ва тобистона муайян намуд, ки аҳзудкунии дарсҳо аз ҷониби донишҷӯён ба 77 дарсад расидааст. Оид ба нақшаи қабули донишҷӯён зикр шуд, ки барои соли таҳсили 2023-2024 дар маҷмӯъ, донишгоҳ бояд 4656 нафар донишҷӯро (1104 нафар буҷетӣ) ба таҳсил фаро гирад.

- Ҳоло қабули довталабон идома дошта, аз натиҷаи ниҳоии он ҳатман иттилоъ хоҳем дод, - афзуд Қобилҷон Хушвақтзода.

Ректори донишгоҳ дар посух ба саволи хабарнигори «Садои мардум» барои таъсис додани рӯзнома дар назди факултети журналистикаи донишгоҳ гуфт: «Ба ин хотир, аллакай ба

ҚУДРАТ ДАВЛАТЗОДА: «ТЕЪДОДИ ДОНИШҶӮЁН КОҲИШ ЁФТ»

Дар нишасти матбуотии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, ки 27-уми июли соли равон доир гардид, ректори донишгоҳ Қудрат Давлатзода изҳор намуд, ки солҳои охир теъдоди донишҷӯёни донишгоҳ коҳиш ёфта, шумораи онҳо айни замон 8675 нафарро ташкил медиҳад. Ба донишҷӯён 502 устод дарс гуфта, теъдоди аспирантон, докторантон ва унвонҷӯён ба 126 нафар расидааст.

- Соли гузашта дар донишгоҳ панҷ шӯрои диссертатсионӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки фарогири 13 ихтисоси илмии анъанавӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, дар шӯроҳои диссертатсионии донишгоҳ, муассисаҳои дигари ҷумҳурӣ ва Федератсияи Россия дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 18 устоди донишгоҳ рисолаҳои илмиро ҳимоя намуданд, ки яке аз онҳо докторист, -афзуд сарвари донишгоҳ.

Соли таҳсили 2022-2023 донишгоҳро 24 донишҷӯи хориҷӣ аз кишварҳои Афғонистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон хатм намуда, айни ҳол 845 нафар донишҷӯ аз мамлакатҳои гуногун таҳсилро идома медиҳанд.

Оянда дар донишгоҳ қабули довталабонро аз рӯи ихтисосҳои «Маъмурикунонӣ, идора ва ҳифзи системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ дар корхонаҳо», «Системаҳои бехатарии иттилоотӣ» ва «Информатика» (самти омӯзгорӣ) ба роҳ монданианд.

Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»

Проблема ва мулоҳиза

ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ ҲОСИЛХЕЗГАРДОНИИ ЗАМИН

Ё БАРТАРИИ ЗИРОАТКОРИИ ОРГАНИКӢ ДАР ЧИСТ?

Сокини деҳаи Нусратулло Махсуми деҳоти «Фахробод»-и ноҳияи Хуросон, омӯзгори собиқадор Абдураҳмон Аймирзоев чанд сол аст, ки дар замини лалмӣ картошка, помидор ва дигар намуди сабзавот парвариш мекунад. Солҳои аввал маҳсулоти рӯёндаашро ба бозори маркази ноҳия ва ё шаҳраки Уялӣ мебурд. Чанд соли охир муштариён картошкаро аз ҳавлиаш омада мебаранд. Сабаби таваҷҷуҳи харидорон ба картошкаи рӯёндаи ин омӯзгори таҷрибадор он аст, ки дурдароз нигоҳдорӣ мешавад. Сабаби дуюм он аст, ки ҳазмкуниаш сабук мебошад.

Асрори сифати баланд доштани ҳосили картошкаро аз Абдураҳмон Аймирзоев пурсидем. Ӯ гуфт, ки тамоми маҳсулоти кишоварзиро бидуни истифодаи нуриҳои минералӣ мерӯёнад. Ба замин фақат поруи пӯсидаи чорво ва хокистар меандозад.

- Замини порую хокистардор намиро дер нигоҳ дошта, аз моддаҳои гуногун бой аст. Деҳаи мо аз маркази ноҳия дур мебошад. Ҳоло нархи нурии минералӣ баланд аст. Илова бар ин, агар тавассути таксӣ нурии минералиро аз бозор ба хона орем, нархаш гаронтар мешавад. Бинобар ин, ман поруи ҳайвонот, хазон ва буттаҳои сабзавотро пӯсонида, ба замин мерезам. Ҳам замин серғизо мешаваду ҳам структураи хок беҳтар мегардад, - иброз намуд Абдураҳмон Аймирзоев.

Таҷрибаи Абдураҳмон Аймирзоевро «зироаткории органикӣ» меноманд, ки сол то сол дар мамолики гуногун ҷонибдорони ин усул афзуда истодааст. Нархи маҳсулоти бо усули «зироаткории органикӣ» рӯёндашуда дар бозори ҷаҳонӣ қиматтар бошад ҳам, харидоронаш зиёд аст.

Усули мазкур бе истифодаи нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, гербитсид (бо роҳи химиявӣ, нест кардани алафҳои бегона), тухмии генашон дигаргуншуда (ГМО), гормонҳои таҳвиятдиҳандаи нашъунамо рӯёнидани ҳосил ва маҳсулоти парандаю чорворо дар бар мегирад. Ҳадаф аз ривоҷ додани зироаткории органикӣ ҳифзи саломатии инсон, баланд бардоштани ҳосилхезии замин, пешгирии бодхӯрдашавии хок ва биёбоншавӣ, ҳифзи оилаҳои занбӯри асал ва дигар энтомофагҳои ба табиат нафърасон, инчунин тозагии манбаъҳои об мебошад. Ин усул чор принсип (солимӣ, экология, адолатнокӣ ва ғамхорӣ)- ро дар бар мегирад. Принсипҳои мазкур зимни нигоҳубину рӯёнидани маҳсулот, коркард, интиқолдиҳӣ, нигоҳдорӣ ва истеъмоли маҳсулот риоя карда мешавад.

Мушовири миллии Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои кишоварзӣ Муродҷон Эргашев иброз намуд, ки заҳрхимикатҳо, нуриҳои минералӣ ва гербитсидҳо ба микроорганизмҳои хок таъсири манфӣ расонида, манбаъҳои обро низ ифлос месозанд. Тибқи принсипи «солимӣ»-и зироаткории органикӣ, агар замин (хок) солим бошад, он ҳосили солим медиҳад. Ҳосили солим дар ҷисми солим рӯҳияи солим эҷод мекунад. Яъне, зироаткории солим ҳамаи ин ҳалқаҳои солимро ба ҳам васл намуда, боиси солимии миллат мешавад.

Мувофиқи принсипи экологӣ, усули органикӣ фарсудашавӣ, бекунвататшавӣ ва бодхӯрдашавии заминро пешгирӣ намуда, дараҷаи ифлосшавии муҳити зистро кам мекунад. Истифодаи пору ва пасмондаи баргу буттаи растаниҳо барои компосткобонӣ, кишти сидератҳо (зироатҳои фосилавӣ) неруи заминро барқарор месозанд.

ТАЛАБОТ БА ЗИРОАТКОРИИ БИОЛОГӢ БАЛАНД АСТ

Соли 2021 бозори ҷаҳонии фурӯши маҳсулоти аз зироаткории органикӣ бадастомада 227 миллиард долларро ташкил дод. Дар назар аст, ки ин рақам соли 2026 ба 437 миллиард доллар расад. Аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти мазкур ИМА дар ҷаҳон ҷойи аввалро мегирад. Қариб 41 дарсади фурӯши маҳсулоти аз зироаткории органикӣ рӯёнидашудаи ҷаҳон ба ин кишвар рост меояд. Германия (12 фоиз) ва Фаронса (11 фоиз) ҷойҳои дуюму сеюмро ишғол мекунанд.

Ба гуфти Муродҷон Эргашев дар киштзор ғайр аз зироати асосӣ алафҳои бегона низ меруёнд, ки элементҳои заруриро аз хок гирифта, ба зироатҳо соягӣ мекунанд. Дар натиҷа, нашъунамои зироат суст мешавад. Дар зироаткории органикӣ алафҳои бегонаро решакан карда, зери буттаҳои зироатҳои асосӣ мепартоянд. Қабати алафҳои бегонаи кандашуда дар рӯи хок бухоршавии босуръати намиро пешгирӣ карда, заминро аз сафолакбандӣ эмин медорад. Аз дигар тараф, қабати ковоки хок зуд сахт нашуда, ҳавогирии решаи зироатҳо беҳтар мегардад.

Сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ Сайфиддин Садриддинов яке аз шартҳои дигари гузаштан ба зироаткории органикиро риояи қатъии киштгардон меҳисобад, зеро ҳангоми дар як майдон паиҳам чанд сол кишт кардани як зироат замин камқувват шуда, ҳосилнокӣ паст мешавад. Аз ин рӯ, ҳар сол киштгардон кардан лозим аст. Ба гуфти ин олими собиқадор, истифода аз обёрии қатрагӣ низ пеши талафи обро гирифта, монеи шусташавии қабати ҳосилхези хок ва афзоиши алафҳои бегона мегардад. Инчунин, истифодаи поруи пӯсида дар заминҳо ба ҳосили солҳои минбаъда низ таъсири мусбат мерасонад.

Собиқадори соҳаи ҳимояи наботот, устоди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон Икром Тешаев ба он ақида аст, ки истифода аз усули биологии ҳимояи наботот на танҳо хароҷотро кам мекунад, балки пеши нобудшавии занбӯри асал ва дигар ҷонварокони фоиданокро гирифта, сифати ҳосилро беҳтар мегардонад.

ДАСТОВАРДИ ҲИНДУСТОН ДАР ЗИРОАТКОРИИ ОРГАНИКӢ

Пас аз ба даст овардани истиқлолият (15 августи соли 1947) Ҳукумати Ҳиндустон дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ буд. Ҳукумати мамлакат тавассути таъсиси марказҳои илмии кишоварзӣ, донишкадаҳои кишоварзӣ, шабакаи махсуси телевизионӣ барои кишоварзон, азхудкунии заминҳои бекорхобида, обёрикунии сарфакорона «инқилоби сабз» карда, дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид.

Соли 1995 муҳаққиқон саршумори чорвои калони шохдори Ҳиндустонро 207,5 миллион сар ҳисоб карданд. Муайян гардид, ки солона аз пасафкандаи ин миқдор чорво 830 миллион тонна пору ҷамъ мешавад. Агар 20 дарсади он ҷамъоварӣ нашуда монаду 25 дарсадаш ҳамчун сӯзишворӣ истифода шавад, 55 дарсади он қариб 500 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Қарор карда шуд, ки ин захираи бузурги нурии органикӣ ба ҳосилхез гардонидани заминҳо равона шавад. Ҳукумати ҳар як иёлат (штат) барои ноҳияҳое, ки нурии органикиро бештар истифода мебаранд, ҷоиза муайян кард. Ба ин ҳашари умумихалқӣ ҷамъовардагони партовҳои шаҳраку шаҳрҳо низ ҳамроҳ шуданд. Муздурон партовҳоро дар замин гӯронда, баъди 6 моҳ онро дар халтаҳо гирифта, ба фурӯш мегузоштанд.

Акнун деҳқонон ба ҷои нуриҳои минералӣ, ки нархашон хеле гарон буд, нурии арзони органикиро истифода мебурданд. Бо ин роҳ ҳосилнокии заминҳо низ афзуду хароҷоти деҳқонон кам шуда, фоидаашон зиёд гашт. Дар ноҳияҳо курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр намудани компост аз баргу пояи растаниҳо ва поруи парандаю чорво ташкил гардид. Як қатор ширкатҳо устухони ҷамъшудаи парандаю чорворо орд намуда, ба компост ҳамроҳ менамуданд ва онро чун «компости ғанигардонидашуда» дар халтачаҳои 5 - 10 килограммӣ мефурӯхтанд. Ин намуди компост аз нитрогену фосфор бой буда, ҳосилнокии зироатро зиёд мекард.

Ҳамин тавр, дар Ҳиндустон истеҳсоли нуриҳои биологӣ дар асоси истифодаи азотобактер, ризобиюм, азолла, батсилус, аспергилан, сюдомонас, вамайкорриза, инчунин шабакаи васеи парвариши энтомофагҳо барои мубориза бо зараррасонҳои зироат ба роҳ монда шудааст.

Дар натиҷаи роҳандозии чунин усулҳо имрӯз Ҳиндустон на танҳо як миллиарду 420 миллион нафар аҳолиашро ба маҳсулоти арзони озуқаворӣ таъмин мекунад, балки онро ба дигар кишварҳо низ мефурӯшад. Айни ҳол Ҳиндустон аз ҷиҳати истеҳсоли шир, лӯбиёгиҳо, ҷут дар ҷаҳон ҷои якум, аз рӯи истеҳсоли гандум, шолӣ, найшакар, чой, арахис (чормағзи заминӣ), меваю сабзавот, пахта, саршумори чорвои калони шохдор ҷойи дуюмро мегирад. Месазад, ки бо истифода аз таҷрибаи Ҳиндустон дар кишварамон зироаткории органикиро васеъ ба роҳ монем.

Се соли охир бо ташаббуси агрономи собиқадор Мухтор Отахонов дар хоҷагии ба номи Латиф Муродови шаҳри Ҳисор бо истифода аз поруи фермаи чорводорӣ парвариши пахта бо усули органикӣ ба роҳ монда шуда, он натиҷаи хуб дод. Раиси хоҷагии ба номи Абдурауф Юсуфии шаҳри Ҳисор, номзади илмҳои ветеринарӣ Зафар Қаландаров бошад, дар парвариши зироат истифодаи биогумусро ба роҳ монд. Яъне, дар сурати хоҳиш будан имкони роҳандозии зироаткории органикӣ мавҷуд аст.

Олимону мутахассисони соҳаро зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта зироаткории органикиро тарғиб намуда, дар солимии фаровонии муҳит, ғизо ва тандурустии аҳолӣ саҳм гузоранд.

Сайфиддин СУННАТӢ,
«Садои мардум»

ВМКБ: 52 НАФАР БА ҶАВОБГАРӢ КАШИДА ШУДАНД

Таҳти раёсати раиси Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ даъвати шашум баргузор гардид, ки дар он баробари дигар масъалаҳо рафти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июли соли 2006 таҳти № 1775 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба аз нав ташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вобаста ба масъалаи зикршуда раиси Кумитаи давлатии идораи замини ВМКБ Диловар Насруллобеков қайд кард, ки соли 2022 бо супориши бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии раиси ВМКБ дар баъзе аз ноҳияҳои вилоят барӯйхатгирии қитъаҳои замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда гузаронида шуд. Дар натиҷа 355 гектар замини таъиноти гуногун, ки давоми солҳо дар пайи офатҳои табиӣ вайрон гаштаанд, ба дигар намуди истифодабарӣ гузаронида шуданд.

Номбурда тавзеҳ дод, ки дар шаш моҳи аввали соли равон аз тарафи кумитаҳои идораи замини шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 290 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор ва нисбат ба 155 нафар 56 512 сомонӣ ҷаримабандӣ татбиқ гардид.

Дар самти назорати риояи қонунгузории замин аз тарафи мақомоти прокуратураи ВМКБ 66 санҷиш гузаронида, 52 нафар шахси мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуда, нисбат ба 140 нафар парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз гардид. Дар асоси санадҳои эътиноии прокурорӣ 7,8 гектар қитъаи замин ба ҳолати аввала баргардонида шуд.

Истифодаи дуруст ва самараноки ҳар як вақаб заминро раиси Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ масъалаи калидӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ номида, тавзеҳ дод, ки он дар меҳвари таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Зимни баррасии масъала Алишер Мирзонабот ба раисони шаҳру ноҳияҳо вобаста ба қабули дурусти қарорҳои дахлдор дар масъалаи истифодаи оқилонаи замин дастуру супоришҳои иловагӣ дод. Зикр гардид, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дорои замини ками кишоварзӣ буда, аз гардиши кишоварзӣ берун намондани он таваҷҷуҳи пайвастаи раисони шаҳру ноҳияҳоро талаб мекунад. Аз ин рӯ, масъулон вазифадор гардиданд, ки солҳои минбаъда барои ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои зери алафи бегона қарордошта чораҳои бетаъхир андешанд.

М. ИМОМНАЗАР,
«Садои мардум»

КАМБУДИҲО БАРТАРАФ ХОҲАНД ШУД

ДАР ФАСЛИ ТОБИСТОН ҲАТТО БА ТАВРИ МУВАҚҚАТӢ ҚАТЪ НАМУДАНИ ИНТИҚОЛИ ОБ БА МАҲАЛҲОИ ЗИСТИ ОДАМОН БОИСИ НИГАРОНИСТ

Ин матлабро зимни суҳбат сармуҳандиси минтақаи истеҳсолӣ - техникӣ ва обтаъминкунии шаҳри Ҳисор Зоирхӯҷа Ваҳобов иброз намуд.

Ба гуфтаи ӯ, тобистони соли ҷорӣ дар шаҳри Ҳисор омилҳои фарсуда гардидани қубурҳои об, норасоии барқи доимӣ дар стансияҳои обтаъминкунӣ боиси нороҳатии муштариён гардидаанд. Аз ин сабаб мо ба қарори омадем, ки аз чоҳи омудии минтақаи «Нефтобод», ки то маркази шаҳр 570 метр мебошад, қубури иловагии нав хобонида, камбудии ҷойдоштаро бартараф созем.

Номбурда илова намуд, ки мушкили асосӣ дар он аст, ки шаҳри Ҳисор дар баландӣ қарор дораду об бошад, дар пастӣ. Ин аст, ки об ба шаҳр тариқи насосҳои обкаш интиқол дода шуда, дар ҳолати ҳатто як сония хомӯш шудани барқ бояд тамоми системаро аз об холӣ намуда, баъдан дубора онро ба кор дарорем, ки ин вақти зиёдро талаб менамояд. Идораи барқтаъминкунии шаҳр ва ҳам муассисаи мо доимо тариқи «смс» - паёмакҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ аҳолиро аз корҳои нақшавӣ пешакӣ огоҳ менамоем. Корҳое, ки ин дам анҷом медиҳем, аз қабили фаъолияти таъмиргарӣ набуда, охири моҳи соли ҷорӣ бо пайваст шудан ба системаи ягонаи обтаъминкунии шаҳр ба анҷом мерасанд. Умед дорем, ки бо амалӣ гардидани ин иқдом мушкили садҳо хоҷагӣ, ки аз норасоии оби ошомиданӣ шикоят доштанд, осон хоҳад намуд.

Бо вуҷуди ин З. Ваҳобов таъкид намуд, ки бо сабабҳои техникӣ муваққатан қатъ гардидани интиқоли об таъмирбахи дилхоҳ шаҳр буда, барои он ки сокинон бе об намонанд, онҳо бояд ҷадвали қатъи обро, ки одатан дар сомонаи коммуналӣ ё шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мешавад, риоя карда, барои худ миқдори зарурии обро захира намуда, сарфакорона истифода бурдани онро роҳандозӣ кунанд.

Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»

ҲИСОР: АССОТСИАТСИЯИ МОҲИПАРВАРОН ТАЪСИС ЁФТ

Бо мақсади рушд додани соҳаи моҳипарварӣ ва муттаҳид намудани моҳипарварон дар шаҳри Ҳисор Ассотсиатсияи моҳипарварони шаҳр ташкил карда хоҳад шуд. Дар ин хусус сарзоотехники Раёсати кишоварзии шаҳри Ҳисор Диловар Абдуллоев иттилоъ дод.

Барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ мутахасисони соҳа тасмим гирифтаанд, ки дар деҳаи Шамали дараи Алмосӣ дар 15 гектар кӯл сохта, парвариши гулмоҳиро ба роҳ монанд.

Ба иттилои ҳамсуҳбати мо, намояндагони Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои моҳипаварии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶДММ «Корпоратсияи моҳии тоҷик» ва мутахасисони соҳаи моҳипарварии шаҳри Ҳисор дар дарёи Хонақоҳи кӯҳӣ таҳлил гузаронидаанд. Муайян гардид, ки дар мавзеи номбурда гулмоҳии амударёӣ ва ширмоҳӣ мавҷуд мебошанд.

Д. Абдуллоев афзуд, ки гулмоҳии амударёӣ ба Китоби Сурх дохил буда, он яке аз навъҳои нодир ба шумор меравад. Бинобар ин, бозтавлиди моҳича (сехи инкубатсионӣ) мувофиқи мақсад мебошад.

Мутасаддиёни ассотсиятсияи навтаъсис дар оянда ният доранд, ки аз таҷрибаи Корхонаи воҳиди таълимӣ-таҷрибавии «Ҳисор» истифода кунанд, зеро барои хоҳишмандон имконият фароҳам оварданд аз кӯлҳои марбут ба он моҳӣ шикор намуда, сипас маблағашро пардохт намоянд.

С. НАЗАРОВ,
«Садои мардум»

Зикри хайр

РАВШАНГАРИ ҶОМЕА

Олимон чун равшангари ҷомеа ҳамеша дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёт саҳми арзанда мегузоранд. Миллати моро дар тӯли таърих ҷаҳониён маҳз ба туфайли осори гаронбаҳои донишмандонаш мешиносанд. Дар ҳама давру замон олимону адибони тоҷик машъалафрӯзи ҳаёти мардум буданд. Онҳо ҳамеша барои тараққӣ, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва болоравии эътибори кишварамон дар сатҳи байналмилалӣ кӯшиш менамоянд.

Яке аз чунин шахсон олими маъруфи тоҷик, академик Муҳаммад Осимӣ буд, ки 23 сол вазифаи Президенти Академияи ҶШС Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон)-ро бе зимма дошт. Роҳи ӯ ба илм баъд аз хотима ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки шахсан дар он иштирок дошт, оғоз гардид. Қаҳрамони матлабро дар давоми чор соли иштирок дар набардҳои хунин фашистони истилогар кушта натавонистанд ва ӯ ҳамчун яке аз қаҳрамонҳои ҷанг ба Ватан баргашт, вале аз дасти ҳамватанони ҷоҳилу бадхоҳони миллаташ ба қатл расид.

Мавсуф, ки аъзо - корреспонденти Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, узви Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми фалсафа, профессор буд, тӯли ҳаёти пурбаракаташ тавонист барои рушди соҳаҳои гуногуни илм мусоидат намояд ва саҳми арзанда гузорад.

Ӯ 1-уми сентябри соли 1920 дар шаҳри Ленинобод (ҳоло шаҳри Хуҷанд)-и вилояти Суғд таваллуд шудааст. Солҳои 1934-1937 дар Фабрикаи коргарҷавонони хоҷагии деҳоти шаҳри Ленинобод таҳсил кардааст. Сипас, таҳсилашро дар шуъбаи физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии ба номи Алишер Навоии шаҳри Самарқанд идома дода, онро дар соли 1941 бомуваффақият хатм намуд.

Фаъолияташро дар Институти педагогии ба номи С.М. Кирови шаҳри Ленинобод оғоз намуда, дар вазифаҳои мудири кафедраи физика ва ҷонишини директор оид ба корҳои илмию таълимӣ кор кард.

Солҳои 1952-1955 дар аспирантураи Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ ҲКИШ таҳсил намуда, дар соҳаи фалсафа рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд.

Соли 1966 нахустин ректори Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ) таъин шуда, дар рушду нумӯи ин боргоҳи илм хизмати шоиста кард. Соли 1965 Президенти Академияи ҶШС Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) таъин гардид. Ӯ дар тарҷумаи тоҷикии китобҳои дарсии физика, геометрия, астрономия, асосҳои фалсафа низ саҳми босазо дорад.

Дар давоми фаъолияти ҷамъиятиаш вакили Шӯрои Олии ИҶШС, узви КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, раиси Кумитаи давлатии Ҷоизаи ба номи Абӯалӣ ибни Сино, раиси Ҷамъияти «Дониш» - и ҷумҳурӣ, раиси Кумитаи шӯрои омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар назди ЮНЕСКО, узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Таърихи илми араб» - и Донишгоҳи шаҳри Ҳалаби Сурия буд. Муҳаммад Осимӣ дар авҷи камолоти илмӣ буд ва корҳои нотамоми зиёде дошт. Нақшаҳои созандааш дар соҳаи илму маърифат бояд барои пешрафти кишварамон хизмат мекард, аммо душманони миллат бо анҷом додани амали нангин нагузоштанд, ки орзуҳои ин олими забардаст амалӣ гарданд.

Субҳи 27-уми июли соли 1996 аз ҷониби душманони миллат бераҳмона кушта шуд. Куштани Осимӣ ин қатли илму дониш, нобудсозии маърифату пешрафт буд. Чанд сол пеш кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон исбот карданд, ки ин ҷинояти мудҳиш кори дасти террористони наҳзатист. Ба ақидаи мо, қотилони наҳзатӣ бо нобуд кардани ин олими қудратманди тоҷик чанд ҳадаф доштанд:

- мехостанд рушду нумӯи илм ва фарҳангро дар кишвар боздоранд ва ба ифротгароӣ роҳ кушоянд;

- террористони наҳзатӣ, ки душмани аслии илму маърифат ҳастанд, умед доштанд, ки мардум, хусусан равшанфикрону озодандешонро метарсонанд;

- ҷоҳилону худбохтагони наҳзатӣ бо ин роҳ хостанд мардуми тоҷикро ба нестӣ баранд, чунки вақте илму олимро дар ҷомеа беқадру хор месозӣ, худ ба худ ҷомеа нест мешавад.

Аммо ба ҳадафҳои нопоки худ нарасиданд, балки маҳв гардиданд.

Имрӯз дар кишвар ба шарофати сиёсати оқилонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илму дониш рушд мекунад, садҳо Осимиҳои нав ба воя расида истодаанд, ки оянда барои пешрафти илми тоҷик саҳми назаррас хоҳанд гузошт.

Корнома ва ташаббусҳои Муҳаммад Осимиро олимону равшангарони дигари тоҷик идома медиҳанд. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон хидматҳои беназир ва шоистаи олими забардастро қадр карда, соли 1997 Донишгоҳи техникии Тоҷикистонро ба номи ӯ гузошт. Ҳамин тавр, хотираи неки Муҳаммад Осимӣ дар қалбҳои мардуми Тоҷикистон абадӣ мемонад.

Фаридуни ОРИЁӢ, коршиноси умури сиёсӣ

АНДОЗА НИГАҲ ДОР, КИ АНДОЗА НАКУСТ...

Барои тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ноҳияи Рашт чӣ корҳо анҷом пазируфт ва сокинон аҳамияти онро то куҷо дуруст дарк намудаанд? Ба ин ва пурсишҳои дигари мо мудири бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт Оятулло Искандарзода посух гуфт:

- Тоҷикон чун дигар халқҳо, ҷашну маросим ва чандин оинҳои дигари ба худ хос доранд. Ҷашну маросим ҷузъи фарҳанги зиндагии мардуми мо мебошад ва пос доштани он дар замони имрӯзаи ҷаҳонишавӣ муҳим аст.

Таърих гувоҳ аст, ки аз азал гузаштагони мо сариштакор буданду ба сарфи беҳуда роҳ намедоданд. «Ба кӯрпаат нигоҳ карда пой дароз кун», - гуфтани халқ низ беҷикмат нест. Дар адабиёти пурғановатамон байтҳои зиёдеро метавон вохӯрд, ки мардумро ба сарфакорӣ даъват менамоянд. Чунончи:

Андоза нигаҳ дор, ки андоза накуст,
Ҳам лоиқи душман аст, ҳам лоиқи дӯст.

Мутаассифона, солҳои охир маъракаю маросимҳои мардумӣ ба худнамоишдиҳӣ табдил ёфт. Як зумра шаҳрвандон дар баргузории чунин маъракаҳо, хосса дар оростани хон, исрофкорӣ ва зиёдаравӣ мекунанд. На танҳо дар маъракаҳои хурсандӣ, балки азодорӣ низ хони бодабдаба меороянд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Набояд фаромӯш кард, ки исрофкорӣ боиси пастравии сатҳи зиндагии мо мегардад. Ба ин хотир, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамовозии мардуми кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Қонуни мазкур василаи беҳтар кардани вазъи иҷтимоии мардум, паст кардани сатҳи қонун ва риояи бандҳои он комиссияи доимии маҳаллии танзими анъана ва ҷашну маросим ташкил гардидааст. Соли 2022 масъулини бахш ва комиссияҳои доимии танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷамоати шаҳраку деҳот корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ гузаронданд. Ин давра 2074 маъракаро ба қайд гирифта шуд. Комиссия муайян намуд, ки ба ин хотир, 413 сар чорвои калон ва 1192 сар чорвои хурд забҳ шудааст.

Санҷишҳои муштарак нишон доданд, ки сокинони ноҳия аҳамияти қонуни мазкурро дарк намудаанд ва дар баргузор намудани ҳам тӯю маъракаҳо ва ҳам маросими азодорӣ талаботи бандҳои онро риоя менамоянд. Дар баробари ин баъзе шаҳрвандон талаботи қонуни мазкурро, ки ба хотири беҳ намудани рӯзгори худи онҳост, сарфи назар менамоянд. Комиссия ин муддат 7 ҳолати риоя нагардидани қонунро ошкор намуд. Нисбат ба чунин шахсон тибқи моддаи 481-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода, ба Суди ноҳияи Рашт ирсол шуд. Бо қарори суд ба ҳар кадом ба андозаи 110 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки 7040 сомонӣ мебошад, ҷарима таъин гардид.

Таассуфовар аст, ки бо вуҷуди вохӯрӣ ва таъкидҳои зиёд ҳанӯз ҳам баъзе аз шаҳрвандон моҳияти масъаларо дуруст дарк накарда, фарзандоншонро бо гирифтани таълими ғайрирасми динӣ мефиристанд, ки ин хилофи қонунҳои амалкунандаи кишвар аст. Соли 2022 дар ноҳия 6 ҳолати ба таълими ғайрирасмии динӣ фаро гирифтани шаҳрвандон ба қайд гирифта шуда, нисбат ба онҳо тибқи моддаи 474-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протокол тартиб дода, барои чорабӯӣ ба Суди ноҳияи Рашт ирсол карда шуд. Дар натиҷа суд онҳоро ба маблағи 15 ҳазору 970 сомонӣ ҷарима намуд.

Диловари МИРЗО, «Садои мардум»,
Ривоҷиддин ТОҶИДДИН, рӯзноманигор

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти вакилатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	№ ДИО	Ташкилоти харидор	Мавзӯи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқдори номгӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	416838	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемориҳои карантинӣ»	Таъмири ҷории бинои муассиса	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	03.08.2023 15:15:00
2	416858	Маркази таълимии «Чароғи ҳидоят»	Таъмири ҷории рангубори марказ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	04.08.2023 11:40:00
3	416870	Кумитаи марказии Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиа	Таъмири намои бинои асосии кумитаи марказии ташкилот	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	04.08.2023 14:50:00
4	416842	Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров	Таҷҳизоти тиббӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	12	14.08.2023 19:38:00
5	416840	Шуъбаи маорифи ноҳияи Рошткалъа	Ангишт	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	1	14.08.2023 20:15:00
6	416841	Шуъбаи маорифи ноҳияи Рошткалъа	Ангишт	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	1	14.08.2023 20:20:00
7	416843	Маркази саломатии ноҳияи Рошткалъа	Ангишт	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	1	14.08.2023 20:20:00
8	416844	Беморхонаи марказиии шаҳри Хоруғ	Реактив ва масолеҳи масрафӣ барои тадқиқоти лабораторӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	40	14.08.2023 20:20:00
9	416839	Беморхонаи марказии ноҳияи Рошткалъа	Ангишт	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	1	14.08.2023 21:00:00
10	416845	Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ ва либоси корӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	43	15.08.2023 09:30:00
11	416846	Идораи сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент	Сохтмони бинои маъмурии шуъбаи ҚДАМ дар шаҳри Панҷакент	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 10:00:00
12	416848	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон	Компютер, дастгоҳи бисёрфункционалӣ ва суратгирак	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	4	15.08.2023 10:20:05
13	416849	Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бохтар	Таҷҳизоти вентилятсияи сунъии шуш ва ташхиси ултрасадо	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	2	15.08.2023 10:40:05
14	416850	Беморхонаи касалиҳои сироятқунандаи шаҳри Хуҷанд	Доруворӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	2	15.08.2023 10:43:43
15	416851	Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Хатлон	Таъмири ҷории бинои марказ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 10:50:25
16	416852	Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Хариди плаш-чодир, молҳои барқӣ ва хоҷагӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	9	15.08.2023 11:10:00
17	416853	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Бунёди гулгашт дар кӯчаи Соҳилӣ бо буриши кӯчаи 40-солагии Ғалаба дар ноҳия	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 11:10:00
18	416854	Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм»	Таъмири генералии утоқи бутафорӣ дар бинои муассиса	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 11:15:00
19	416855	Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Таъмири чории бинои маъмурии Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар ноҳияи Деваштич	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 11:30:00
20	416856	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №67»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе	Хӯрокворӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	27	15.08.2023 11:40:11
21	416859	Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд»	Гулҳои мавсимӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	3	15.08.2023 12:08:08
22	416860	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои барқтаъминкунии иншоот)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
23	416861	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Сохтмони дидбонгоҳи сарҳадии «Наврӯз» дар ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонӣ: насби қубурҳои деворимустаҳкамкунандаи чоҳи амудӣ, хобонидани қубурҳои обрасон барои оби нӯшокӣ ва васли трансформатори барқӣ)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
24	416862	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Сохтмони бинои иловагӣ барои 1000 хонанда дар назди МТМУ №34-и Ҷамоати шаҳраки Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонии гузаргоҳ, толори варзишӣ ва бинои таълимӣ)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
25	416863	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Мумфаршкунии қитъаҳои алоҳидаи роҳи автомобилгарди Бӯстон -Комсомол дар ноҳияи Мастчоҳ. Марҳилаи 5 (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 4668 м²)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
26	416864	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Мумфаршкунии қитъаҳои алоҳидаи роҳи автомобилгарди Бӯстон -Комсомол дар ноҳияи Мастчоҳ. Марҳилаи 3 (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 4300 м²)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
27	416865	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Мумфаршкунии қитъаҳои алоҳидаи роҳи автомобилгарди Бӯстон -Комсомол дар ноҳияи Мастчоҳ. Марҳилаи 1 (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат 3500 м²)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
28	416866	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Мумфаршкунии роҳҳои ҳудуд ва атрофи дидбонгоҳи сарҳадии «Наврӯз» дар ноҳияи Зафаробод (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1945 м²)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
29	416867	Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд	Мумфаршкунии роҳи АҲД «Дӯстӣ» дар Ҷамоати деҳоти Палдораки ноҳияи Мастчоҳ (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5510 м²)	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Кор	1	15.08.2023 12:08:08
30	416869	Маркази саломатии ноҳияи Рӯшон	Ангишт	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	2	15.08.2023 15:00:00
31	416847	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе	Диски алмосӣ, масолеҳи сохтмонӣ, кузбасс-лак, матои баннерӣ, плитаи бетонӣ ва қубури оҳану бетонӣ	Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд	Мол	11	16.08.2023 15:35:35

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29 - уми августи соли 2023 музоядаи № 6-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамояд

Ду адад ҳавз, деворҳои атрофи боғ, дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан, ки ҳамчун моликияти давлатӣ дар тавозуни собиқ ҶСК «Сафар» (айни замон ҶДММ «Сафар қанд»), воқеъ дар шаҳри Конибодом қарор доранд. Нархи ибтидоӣ - 250 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон- 21, тел: 221-73-74, ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, телефон 4-52-91.

Фурӯш бо усули англисӣ сурат мегирад

Музояда соати 10^{00} барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ WWW.MUZOYADA-KVD.TJ гирифтан мумкин аст.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муслим тиҷорат» (РЯМ 0410034525, РМА 040056344), ки 7-уми декабри соли 2019 дар Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

✓Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Роҳбарият ва ҳайати кормандони рӯзномаи «Садои мардум» ба муовини Сармуҳаррири рӯзнома Абдулло Далер Абдулло бинобар даргузашти ХОҲАРАШ изҳори ҳамдардии амиқ намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

ЭЪЛОН!

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қабули хуҷҷатҳоро барои таҳсил дар зинаи магистратура ва докторантура аз рӯи ихтисос PhD дар соли таҳсили 2023-2024 аз рӯи ихтисосҳои зерин эълон менамояд:

т/р	Рамзи ихтисос	Номгӯи ихтисосҳои магистратура	Буҷетӣ	Шартномавӣ
1	1-740202	Селексия ва тухмипарварӣ	5	2
2	1-740203	Ҳифзи растаниҳо ва карантин	5	2
3	1-740201	Агрономӣ	8	2
4	1-740601	Таъминоти техникии равандҳои саноати хоҷагии деҳот	8	2
5	1-74030107	Занбӯриасалпарварӣ	4	2
6	1-740301	Зоотехния, комплекси агросаноатӣ	5	3
7	1-740303	Саноати моҳипарварӣ	4	2
8	1-74030103	Парандапарварӣ	4	2
9	1-740602	Таъминоти техникии равандҳои нигоҳдории коркарди маҳсулоти кишоварзӣ	8	2
10	1-74030107	Пиллапарварӣ	4	2
11	1-740204	Меваю сабзавотпарварӣ	8	2
12	1-740205	Агрокимиё ва хокшиносӣ	8	2
13	1-740501	Мелиоратсия ва хоҷагии об	8	2
14	1-740302	Тибби ҳайвонот	8	2
15	1-25010715	Иқтисодиёт ва идора дар комплекси агросаноатӣ	8	2
16	1-250107	Иқтисодиёт ва идора дар корхона	8	2
17	1-26020309	Маркетинг дар комплекси агросаноатӣ	8	2
18	1-250104-05	Молия дар комплекси агросаноатӣ	8	2
19	1-250108	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит	8	2
20	1-290101	Технологияи коркард ва нигоҳдории меваю сабзавот	5	2
т/р	**Рамзи ихтисос**	**Номгӯи ихтисосҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)**	**Буҷетӣ**	**Шартномавӣ**
1	6D080600	Техникаи аграрӣ ва технология	4	2
2	6D080101	Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ	4	3
3	6D080100	Кишоварзӣ (агрономӣ)	5	2
4	6D080103	Селексия ва тухмипарвории зироатҳои кишоварзӣ	4	2
5	6D080604	Технологияи хизматрасонии техникӣ дар кишоварзӣ	4	2
6	6D081101	Ҳимояи ботот	4	2
7	6D120106	Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи чорвои хоҷагии қишлоқ	4	2
8	6D072700	Технологияи маҳсулоти озуқа	5	2
9	6D080201	Зоотехнияи ҷузъӣ, технологияи маҳсулоти чорво	4	3
10	6D080601	Истеҳсоли хӯрока, хӯронидани ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ ва технологияи хӯрока	4	3
11	6D080900	Меваю сабзавотпарварӣ	4	2
12	6D080901	Боғдорӣ, токпарварӣ	4	2
13	6D080800	Агрокимиё ва хокшиносӣ	4	2
14	6D081001	Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин	4	3
15	6D120100	Тибби байторӣ	5	2
16	6D060700	Биология	5	2
17	6D051301	Иқтисодиёти ҷаҳон	4	3
18	6D050601	Назарияи иқтисодӣ	4	3
19	6D050602	Иқтисодиёти минтақа	4	3
20	6D050604	Бехатарии иқтисодӣ	4	3
21	6D050603	Нархгузорӣ	3	2
22	6D051901	Иқтисодиёти меҳнат	4	3
23	6D050701	Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ	5	2
24	6D050600	Иқтисодиёт	5	2
25	6D050700	Менеҷмент	4	1
26	6D050800	Баҳисобгирӣ ва аудит	5	2
27	6D050900	Молия	5	2
28	6D051100	Маркетинг	3	2
29	6D051700	Менеҷменти инноватсионӣ	4	1
30	6D051900	Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат	3	2
31	6D072700 -	Технологияи коркард ва нигоҳдории меваю сабзавот	4	2

Шартҳои қабул ба магистратура ва докторантура аз рӯи ихтисос (PhD):

Ба зинаи магистратура шахсони баъд аз хатми бакалаврият аз рӯи ихтисосҳояшон қабул карда мешаванд.

Ба зинаи докторантура аз рӯи ихтисос PhD шахсони синнашон то 35-сола, дорои дараҷаи магистр қабул карда мешаванд.

Мутахассисони ҷавон барои иштирок дар имтиҳонҳои озмунӣ ба докторантура аз рӯи ихтисос PhD бевосита пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олӣ, дар сурати мавҷуд будани табсияи шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олӣ (факултет) иҷозат дода мешаванд.

Муҳлати таҳсил дар магистратура – 2 сол ва дар докторантура аз рӯи ихтисос PhD – 3 сол муқаррар шудааст.

Барои қабул ба магистратура ва докторантура аз рӯи ихтисос PhD ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ариза бобати қабул ба магистратура ё докторантура PhD ба номи Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо нишондодҳои ихтисобнамуда;
2. Варақаи шахсӣ ва сурати андозааш 3х4 (4 дона);
3. Тарҷумаи ҳол;
4. Тавсифнома аз ҷои таҳсил ё кор;
5. Рӯйхати асарҳои чопшуда, ихтироот ва гузоришҳо оид ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ (шахсоне, ки асарҳои чопшуда ва ихтироот надоранд, аз рӯи ихтисоси интихобшудаашон маърӯзаи илмӣ (реферат) пешниҳод менамоянд;
6. Нусха аз протоколи ҷаласаи шӯрои олимон барои шахсоне, ки ба докторантура PhD аз тарафи шӯроҳои олимони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ бевосита пас аз хатми ин муассисаҳо тавсия шудаанд;
7. Нусхаи диплом бо замимаи варақаи баҳоҳои санҷишии имтиҳонҳо (барои шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии қасбии кишварҳои дигарро хатм намудаанд, шаҳодатномаи баробарарзиши ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот);
8. Нусхаи шиноснома;
9. Дафтарчаи меҳнатӣ (барои докторантура PhD).
10. Маълумотнома дар бораи саломатӣ (шакли 038);

Довталабон ба магистратура дар назди комиссия ба таври суҳбат қабул гардида, ба докторантура PhD имтиҳонҳоро ба тариқи озмун аз фанҳои зерин месупоранд:

- фанни ихтисосӣ;
- забони хориҷие, ки ба докторант (PhD) барои иҷрои рисолаи диссертатсионӣ зарур аст;
- таърих ва фалсафаи илм.

Қабули ҳуҷҷатҳо аз **1-уми июл то 18-уми августи соли 2023.**

Қабули имтиҳоноти дохилшавӣ аз **20 - уми августи соли 2023** оғоз мегардад.

Барои дарёфти маълумоти иловагӣ ба шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ мурочиат намоед.

Суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки 21[а], **телефонҳо барои тамос**: 223-18-32, 227-13-32.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Сино шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Пахтакор, хонаи 15 ба Содиқов Мирзоаҳмад Нормамадович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0253121-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2020 ба Мирзоев Шаҳромидин Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло ноҳияи Сино)-и шаҳри Душанбе 21-уми сентябри соли 2000 таҳти феҳристи 8Д-4289 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Профсоюз, бинои 130/4, хонаи 9 ба Шарифов Абдулмаҷид додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТА №0011649-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57-и ноҳияи Хуросон соли 2023 ба Гулсанаи Асадулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Хуҷа» бо РЯМ № 3130007861-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон соли 2010 ба Муродов Боймурод додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0540845-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №74-и шаҳри Душанбе соли 2018 ба Кулматов Муҳаммадбилол Иномович додааст, эътибор надорад.

✓ Замимаи гумшуда ба Шаҳодатнома дар бораи маълумоти миёнаи ҳамагонии силсилаи ШМҲ №0057540, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2004 ба Ахмедова Шаҳноза Бахтиёровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №2410003017-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод ба ҶДММ «Муҳаммадҷон-С» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии категорияи «В В,» -и гумшуда, ки онро ШБИ РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми феврали соли 2022 ба Муродов Раҳмонали Раҷабович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А № 164841-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Қубодиён соли 1986 ба Амирова Озода Уроковна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62-и шаҳри Душанбе соли 1978 ба Бегова Шамсия Ҷалоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО №0001713 бо рақами қайди 92-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 22-юми июни соли 2005 ба Наджотов Искандаршо Маҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишгоҳи баъдидипломии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2016 ба Наҷотов Искандаршо Маҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Султонобод, деҳаи Иттифоқ ба Садуллаев Собирҷон Абдулмаҷидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссияи назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Султонобод, деҳаи Иттифоқ ба Садуллаев Собирҷон Абдулмаҷидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро ҚДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Султонобод, деҳаи Иттифоқ ба Садуллаев Собирҷон Абдулмаҷидович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Данғара 13-уми майи соли 2022 ба Достиев Раҳмоналӣ (РМА 205354286, РЯМ 2230045895) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи квартираи силсилаи ДШ №1146636, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино) 20-уми декабри соли 2000 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 103, хонаи 4 ба Ҳаитбаева Олия Урозбаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматии дорои рақами инвентарии 002632 таҳти №16446, ки 27-уми августи соли 2019 ва Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии гумшуда, ки 28-уми августи соли 2019 аз тарафи ҚДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ, бинои 23/1, хонаи 8 ба Ҳайдаров Бехрӯз Баротович дода шудаанд, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи мағоза, ки онро Сариқдории ҷумҳуриявии нотариалии давлатӣ таҳти феҳристи № 125-65 15-уми июни соли 2001 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Привокзальная, хонаи берақам ба Шарипов Салмон Раҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи мағоза таҳти қайди 697, ки онро ҚДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 2001 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Привокзальная, хонаи берақам ба Шарипов Салмон Раҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии фискалии тамғаи «ОКА ПФ»-и №00028792-и гумшудаи мағозаи хӯроквории соҳибкории инфиродӣ Қурбонов Ғоибназар Раҳимович (РЯМ 0330194398) эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0181864 (1969)-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ соли 2020 ба Зуҳрои Самаридин додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 1104533-и гумшуда, ки онро Муассисаи давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ» дар шаҳри Душанбе 22-юми июни соли 2023 ба Норкулов Ходжимурод Умедович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои молхона, ки онро ҚДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Панҷакент бо суроғаи шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Амондара, мавзеи Сарой ба Амаков Фатҳуллохон Раҳмохонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО №0215503 таҳти рақами қайди 1709-и гумшуда, ки онро Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 ба Абдураҳмонов Зайниддин Файзимадович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин бо истифодаи якумраи меросии дараҷаи А №0162591-и гумшуда, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҷамоати деҳоти Ҳисор таҳти рақами Б-9550 соли 2008 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, деҳаи Ҳаёти нав ба Давлатова Қудбия додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0145153-и гумшуда, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори раиси ноҳияи Варзоб аз 11-уми ноябри соли 2006 таҳти рақами 1021 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Ғажни ба Маҷидов Маҳмадулло додааст, эътибор надорад.

✓ Парвандаи заминсозии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ барои иваз намудани нақшаи қитъаи замини корхонаи истеҳсоли қуму санг, воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Деҳқонобод ба Яров Абдулмаҷид Грезович додааст, эътибор надорад.

✓ Парвандаи «Танзими замин»-и силсилаи М3-174-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ ва парвандаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Деҳқонобод барои карери қум ва санг ба Муҳидинов Сайдалӣ додаанд, эътибор надоранд.

✓ Иқтибос аз варақаи бақайдгирии гумшудаи №87813, ки 8-уми декабри соли 2022, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, деҳаи Деҳқонобод барои бинои ғайриистиқоматӣ ба Яров Абдулмаҷид Грезович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТУ № 0036628-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли хониши 2006 ба Қурбоналиева Умеда Холматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи бакалаври №107705 0008461-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон таҳти қайди 1409 санаи 9-уми июли соли 2014 ба Хусаинова Манижа Фаррухиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Қаротегин, хонаи 129 ба Набиев Маҳмадалӣ Нурович додааст, эътибор надорад.

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Ҳ